**Аз 31.05.2019, №228**

«Оиди ба Фармоиши Раиси Кумитаи андоз
«Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи
хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» аз
12.07.2017, №316 ворид намудани тағирот»

Бо мақсади иҷрои қарори Мушовараи Кумитаи андоз «Оиди ба таври ройгон анҷом додани гузариши андозсупорандагон ба тартиби табодули ҳуҷҷатҳои электронӣ дар системаи ҳисоботдиҳии андозсупорандагон дар шакли электронӣ Е Токен – 5100» аз 13.05.2019, №6 мутобиқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар сутуни 6 (Арзиши хизматрасонӣ)-и рамзи 07.07.01. (Додани калид ва рамз оиди пешниҳоди эъломияҳо дар шакли электронӣ ба муҳлат 3 сол)-и Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон калимаҳои

«а) Муаллифкунонии мобилӣ;

- корхонаи давлатӣ – 110 сомонӣ;
- дигар субъектҳо 128 сомонӣ

б) Муаллифкунони бо тариқи еТокен барои корхонаҳои дар низоми умуми фаъолият дошта;

- корхонаи давлатӣ (дар ҳолати тамдид) – 300 сомонӣ;
- дигар субъектҳо 350 сомонӣ» бо калимаҳои «Ройгон анҷом дода мешавад» иваз карда шаванд.

2. Фармоиши мазкур дар нашрияи расмии Кумитаи андоз «Боҷу-хироҷ» ба табъ расонида, дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шавад.

3. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти худудии андоз дастрас намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А.М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода